**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати**
**Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,**
**ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии доктории Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуъи "Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ), пешниҳод шудааст.**

Яке аз масъалаҳои муҳим ва зарурӣ дар шароити муосир ин заминаҳои ташаккулёбии рушди соҳибкории суғуртавии иқтисоди кишвар ба ҳисоб рафта, он дар навбати худ ба камкунии хавфҳои соҳибкорӣ ва такмилдиҳии идоракунии рақобатпазирии соҳибкорӣ вобаста мебошад, ки онро метавон, ҳамчун ҷузъи таркибии ногузирии таъмини бехатарии молиявии соҳибкории мамлакат нисбат дод, чунки он ҳамчун унсури муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, бояд зикр намуд, ки мавзӯи интихобнамудаи Шамсуллозода Шукрулло саривақтӣ ва актуалӣ барои иқтисоди миллии кишварамон дониста мешавад. Зеро ин масъала яке аз масъалаҳое мебошад, ки пайваста Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар институтҳои иқтисодӣ дар барномаҳои гуногуни худ аҳамияти махсус медиҳанд. Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт яке аз институтҳое ба ҳисоб меравад, ки самтҳои асосии камкунии хавфҳои соҳибкориро таҳлил намуда, муаммоҳои бозори молиявиро муайян менамояд ва барои пешниҳоди маҳсулотҳои суғуртавӣ ба ин корхонаҳо тавсияҳои худро пешниҳод намуда, раванди коркарди амалиётҳои суғуртавиро низ танзим ва назорат менамояд. Таъмини иқтисодиёт бо амалиётҳои суғуртавӣ омили асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ҳисобида шуда, корхонаҳои суғуртавӣ дар ин самт нақши калидӣ доранд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавиро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳад.

Дар автореферати Шамсуллозода Шукрулло ба назар мерасад, ки муаллиф ҷабҳаҳои зиёд ва масоили вобаста ба муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёти Тоҷикистон, омилҳои ба он таъсиррасон ва коркарди асосҳои

назариявию амалии механизмҳои ташкиливу иқтисодии рушди ин навъи соҳибкорӣ дар марҳалаи рушди босуръати иқтисодиёти мамлакатро, ки ба ҷалби сармоя ва гузариши ҷумҳурӣ ба марҳилаи бозори рушдкунанда, ҳамчун яке аз мушаххасоти он рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ мебошад, мавриди омӯзиши амиқ ва дақиқ қарор додааст.

Масъалаи мазкурро муаллиф аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ асоснок намуда, дар самти ташаккул ва рушди соҳибкорӣ дар бахши суғурта тавсияҳои асоснок ва манфиатовар пешниҳод менамояд.

Ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферати Шамсуллозода Шукрулло зиёд ба назар мерасад. Яке аз чунин ҷиҳатҳоро метавонем назари муаллифро дар ин самт муайян намоем, ки ин "муаллиф, қайд намудааст, ки яке аз ниҳод ва ё шаклҳои суғуртаи манфиатҳои амволӣ институти хеҷкунонӣ мебошад. Хеҷкунонӣ – ин як ниҳод ва ё низоми тадбирҳоест, ки имкон медиҳад хавфҳои амалиётҳои молиявӣ дар натиҷаи тағйирёбии номусоиди қурби асъор, нархи мол, меъёрҳои фоизӣ ва ғайра дар оянда истисно ё маҳдуд карда шаванд." (саҳ. 22). Назари муаллиф воқеан қобили қабул аст. Воқеан, имрӯз барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан барои соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт омилҳои камкунии хавфҳо тавассути суғуртанамоии онҳо ваё хеҷкунонӣ бениҳоят зарур арзёбӣ мегарданд. Ғояҳои пешниҳод намудаи муаллиф дар самти такмилдиҳии идоракунии механизми соҳибкории сӯгуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва актуалӣ дониста мешвад.

Дастоварди дигари муаллиф дар он аст, ки зимни таҳлилҳо муайн гардид, ки воридоти ҳаққи суғуртавии ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ дар давраи солҳои 2010–2020 аз 106,2 то 235 млн. сомонӣ ва ё беш аз 2,2 маротиба афзудааст. Дар ин давра ММД аз 24,7 млрд. сомони то 82,5 млрд. сомони ва ё беш аз 3,3 маротиба афзудааст. Тамоюли афзоиши ҳаққи суғуртавии пардохтшуда ба ҳар сари аҳолӣ баъд аз соли 2010 мушоҳида мегардад ва баъд аз ташкили идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон ин нишондиҳанда тақрибан як маротиба афзоиш ёфтааст. Аммо ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз нисбат ба давлатҳои ИДМ кам мебошанд, ки аз сатҳи нисбатан пасти талаботи субъектҳои иқтисодӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ шаҳодат медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат иқтидори афзоиши ҳачми талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ҳатман вуҷуд дорад (саҳ. 38).

Дар баробари аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва нуктаҳои муҳим, автореферат аз норасоиҳо низ орӣ нест, ба монандӣ:

1. Беҳтар мебуд, агар муаллиф диққати асосиро ба асосҳои институтсионалии ташкулу рушди бозори суѓурта равона месохт. Шояд ин

нукта дар матни рисолаи илмӣ инъикос ёфта бошад. Хотиррасон менамоям, ки ин қисмат бениҳоят муҳим аст ва ба инобат гирифтани асосҳои институтсионалӣ ба мо имкониятҳои бештар медиҳад;

2. Дар оянда хуб мешуд муаллиф масъалаҳои кам кардани хавфҳои соҳибкории соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт ва таъмини рақобатпазирии онҳоро дар сатҳи давлатҳои ҷаҳон, тавассути рушди суғурта ҳангоми тадқиқотҳои илмӣ баррасӣ менамуд.

Эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии муаллифро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кор баён гардидаанд.

Дар маҷмӯъ метавон қайд намуд, ки автореферати рисолаи доктории Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуъи "Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**мудири кафедраи «Назарияи иқтисодӣ**
**ва иқтисоди рушд» ДТТ** **Усманова Т.Ҷ.**

**Суроға:** кӯчаи Н. Қаробоев, ш. Душанбе
Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: (+992) .904886931
**E-mail:** tufa1953@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Усманова-ро тасдиқ мекунам Сардори ШК Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Бухориев Н.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ